*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-050*

*дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

*734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабаева, 63/3*

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Назаразода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи: «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 - технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ**

Рушди соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар дониста шуда, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Рушди ин соҳа аҳолиро бо озуқа, саноатро бо ашёи хом ва беҳдошти вазъи иқтисоди аҳолии мамлакатро таъмин менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бӯҳронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 18 - 21% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд.

Кори илмии пешниҳодшудаи рисоланавис дар мавзуи мубрам ва дорои аҳамияти стратегӣ омода шудааст, ки барои рушди бахши агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Дар диссертатсия масъалаҳои таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир ва усулҳои муосири ҷудокунии он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Кори илмӣ самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро дар бар гирифтааст.

Ҷудокунӣ ва таҳлили таркиби химиявии равғани зағир дар шароити ҷумҳурӣ ба рушди комплекси агросаноатии маҳаллӣ мусоидат намуда, ба афзалиятҳои воридот ивазкунӣ мувофиқат мекунад.

Муаллиф барои таҳлили равған аз усулҳои муосир, аз ҷумла хроматографияи газӣ ва спектроскопияро истифода намуда, натиҷаҳои дақиқ ва боэътимодро ба даст овардааст. Натиҷаҳои кори илмиро метавон дар корхонаҳои хурд ва миёна истифода бурд, ки ин метавонад ба рушди истеҳсолот ва коҳиши вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намояд. Муаллиф таҷҳизоти худсохтро ё худ маҳалиро барои ҷудокунии равған истифода кардааст, ки ин ҳам арзиши илмӣ ва ҳам арзиши амалӣ дорад.

Аҳамияти амалии кори илмӣ дар мубрамияти он барои корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ зоҳир мегардад. Технологияи таҳияшуда метавонад ба шароити корхонаҳои хурду миёна мутобиқ карда шавад, ки барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Ҳисобҳои анҷомдодаи муаллиф

манфиатҳои иқтисодии истифодаи захираҳои маҳаллиро нишон медиҳанд, ки роҳи рушди устуворро дастгирӣ мекунанд.

Кори илмӣ аз нигоҳи устувории экологӣ низ муҳим аст, зеро истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва технологияҳои каммасраф таъсири манфиро ба муҳити зист то ҳадди имкон кам менамояд.

Ҳамзамон дар автореферат якчанд камбудиҳо низ ҷой дорнд, ки дақиқиро талаб менамояд:

1. Дар кори илмӣ таъсири эҳтимолии партовҳои аз ҳисоби истеҳсолот ба вуҷудоянда ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зист пурра нишон дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, агар муаллиф таъсири эҳтимолии партовҳо ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зистро бештар шарҳ медод.

2. Дар кори муаллиф тавсияҳо оид ба паҳн намудани технологияҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақа на он қадар мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Камбудиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ сифати кори иҷрошударо кам намекунад. Автореферати пешниҳодшуда муҳтавои бузурги илмӣ ва амалӣ дошта, дар рушди соҳаи агросаноатии кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Кори илмии Назаразода Фирдавс Хоркаш ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ мебошад.

**Номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**маркетинг-агробизнеси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Хӯҷаназарова М.И.**
**тел: +992927646674**
**email: Hujanazarova@mail.ru**

**Имзои Хӯҷаназарова М.И.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес** **Бобоев А.Х.**
**ва сиёсати Тоҷикистон**

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр.17, хонаи 1, ДДҲБСТ. Тел: +992(3422) 2-38-11. www.tsulbp.tj*

манфиатҳои иқтисодии истифодаи захираҳои маҳаллиро нишон медиҳанд, ки роҳи рушди устуворро дастгирӣ мекунанд.

Кори илмӣ аз нигоҳи устувории экологӣ низ муҳим аст, зеро истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва технологияҳои каммасраф таъсири манфиро ба муҳити зист то ҳадди имкон кам менамояд.

Ҳамзамон дар автореферат якчанд камбудиҳо низ ҷой дорнд, ки дақиқиро талаб менамояд:

1. Дар кори илмӣ таъсири эҳтимолии партовҳои аз ҳисоби истеҳсолот ба вуҷудоянда ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зист пурра нишон дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, агар муаллиф таъсири эҳтимолии партовҳо ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зистро бештар шарҳ медод.

2. Дар кори муаллиф тавсияҳо оид ба паҳн намудани технологияҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақа на он қадар мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Камбудиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ сифати кори иҷрошударо кам намекунад. Автореферати пешниҳодшуда муҳтавои бузурги илмӣ ва амалӣ дошта, дар рушди соҳаи агросаноатии кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Кори илмии Назаразода Фирдавс Хоркаш ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ мебошад.

**Номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**маркетинг-агробизнеси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Хӯҷаназарова М.И.**
**тел: +992927646674**
**email: Hujanazarova@mail.ru**

**Имзои Хӯҷаназарова М.И.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес** **Бобоев А.Х.**
**ва сиёсати Тоҷикистон**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр.17, хонаи 1, ДДҲБСТ. Тел: +992(3422) 2-38-11. www.tsulbp.tj*

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050*

*дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*

*734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабаева, 63/3*

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Назаразода Фирдавс Хоркаш**
**дар мавзуи: «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 - технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ**

Рушди соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар дониста шуда, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Рушди ин соҳа аҳолиро бо озуқа, саноатро бо ашёи хом ва беҳдошти вазъи иқтисоди аҳолии мамлакатро таъмин менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки соҳаи кишоварзӣ бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои бӯҳронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 18 - 21% маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд.

Кори илмии пешниҳодшудаи рисоланавис дар мавзуи мубрам ва дорои аҳамияти стратегӣ омода шудааст, ки барои рушди бахши агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Дар диссертатсия масъалаҳои таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир ва усулҳои муосири ҷудокунии он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Кори илмӣ самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишварро дар бар гирифтааст.

Ҷудокунӣ ва таҳлили таркиби химиявии равғани зағир дар шароити ҷумҳурӣ ба рушди комплекси агросаноатии маҳаллӣ мусоидат намуда, ба афзалиятҳои воридот ивазкунӣ мувофиқат мекунад.

Муаллиф барои таҳлили равған аз усулҳои муосир, аз ҷумла хроматографияи газӣ ва спектроскопияро истифода намуда, натиҷаҳои дақиқ ва боэътимодро ба даст овардааст. Натиҷаҳои кори илмиро метавон дар корхонаҳои хурд ва миёна истифода бурд, ки ин метавонад ба рушди истеҳсолот ва коҳиши вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат намояд. Муаллиф таҷҳизоти худсохтро ё худ маҳалиро барои ҷудокунии равған истифода кардааст, ки ин ҳам арзиши илмӣ ва ҳам арзиши амалӣ дорад.

Аҳамияти амалии кори илмӣ дар мубрамияти он барои корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ зоҳир мегардад. Технологияи таҳияшуда метавонад ба шароити корхонаҳои хурду миёна мутобиқ карда шавад, ки барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Ҳисобҳои анҷомдодаи муаллиф

манфиатҳои иқтисодии истифодаи захираҳои маҳаллиро нишон медиҳанд, ки роҳи рушди устуворро дастгирӣ мекунанд.

Кори илмӣ аз нигоҳи устувории экологӣ низ муҳим аст, зеро истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва технологияҳои каммасраф таъсири манфиро ба муҳити зист то ҳадди имкон кам менамояд.

Ҳамзамон дар автореферат якчанд камбудиҳо низ ҷой дорнд, ки дақиқиро талаб менамояд:

1. Дар кори илмӣ таъсири эҳтимолии партовҳои аз ҳисоби истеҳсолот ба вуҷудоянда ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зист пурра нишон дода нашудааст. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, агар муаллиф таъсири эҳтимолии партовҳо ва тадбирҳои кам кардани таъсири он ба муҳити зистро бештар шарҳ медод.

2. Дар кори муаллиф тавсияҳо оид ба паҳн намудани технологияҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақа на он қадар мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Камбудиҳои зикргардида ба ҳеҷ ваҷҳ сифати кори иҷрошударо кам намекунад. Автореферати пешниҳодшуда муҳтавои бузурги илмӣ ва амалӣ дошта, дар рушди соҳаи агросаноатии кишвар саҳми назаррас мегузорад.

Кори илмии Назаразода Фирдавс Хоркаш ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту оришӣ мебошад.

**Номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**маркетинг-агробизнеси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон** **Хӯҷаназарова М.И.**
**тел: +992927646674**
**email: Hujanazarova@mail.ru**

**Имзои Хӯҷаназарова М.И.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес** **Бобоев А.Х.**
**ва сиёсати Тоҷикистон**